«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода доктори илми филология, профессор Гулназарзода Ж.Б.____________

«17» ________________соли 2025

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Омӯзишу таҳқиқ ва баррасиву пажуҳиши рӯзгору осор ва андешаву омоли бузургони адабиёти муосири тоҷик, хоса адибони ҷараёнсози марҳилаҳои адабӣ, ки устод Садриддин Айнӣ аз саромадони онҳо ба ҳисоб меравад, барои равшан намудани масъалаҳои муҳимму мубрами адабиётшиносии навини тоҷик, ки бар пояи илмии замони нав бунёд ёфтааст, аз аслҳои асосӣ дониста мешавад. Айнишиносӣ ба масобаи бахши мустақил ва ташаккулёфтаи илми адабиётшиносии тоҷик имрӯз бо дастовардҳо ва рушду нумуи худ сазовори таҳқиқу баррасӣ ва пажуҳиши хос мебошад, ки ба миён омадани рисолаи мавриди гуфтугӯ аз тарафи унвонҷӯйи ҷавон Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём гувоҳи гӯёи ин матлаб мебошад.

Осори устод Айнӣ дар ташаккули тафаккури бадеӣ ва дарки замони нав ва ҳодисаву таҳаввулоти он барои миллати тоҷик ба андозаи беш аз як донишгоҳи таълимиву таҳқиқӣ дар парваришу тарбияи насли нави нависандагону муҳаққиқон хидмат намудааст.

Ҳунари нависандагӣ ва таълифоти бисёрсоҳаи устод Айнӣ дар ташаккул ва рушди адабиёти бадеӣ, илмӣ ва фарҳанги миллии мо беназир буда, шоистаи таҳқиқу омӯзиш ва кашфи дақиқи чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии ӯ аз вазифаҳои муҳимми муҳаққиқони рӯзгор ва осори ӯ мебошад. Бо он ҳама таҳқиқоти густарда ва фарогире, ки дар абъоди гуногуни айнишиносӣ анҷом дода шудааст, ҳанӯз ҷойи як пажуҳиши басомон ва бунёдӣ бо нишон додани марҳилаҳои рушди соҳаи айнишиносии илмии адабиётшиносии тоҷик аз оғоз, яъне чоряки охири асри XIX то рӯзҳои мо холӣ буд, ки бо ба таълиф расидани диссертатсияи ҳозир, ки як навъ арзёбии ҷомеъе дар ин замина дар он сурат гирифтааст, ҳамин холо то андозае пур гардид.

Аз ҳамин нуқтаи назар диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи “Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон” мавзуи мубраму муҳим ва ҳарфи тозае дар адабиётшиносии тоҷик маҳсуб мегардад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Тартиб ва сохтори умумии диссертатсия, аҳаммият ва зарурати таҳқиқи мавзуъ, пешинаи таҳқиқи он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масъалаҳои мавриди таҳқиқ, сабабҳои интихоби мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навовариҳои дар раванди пажуҳиш ба дастомада ва арзиши назарию амалии он, ҳамчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаю натиҷагириҳои муаллифи таҳқиқот саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқшаванда инъикос мекунанд. Саҳми шахсии муаллиф, инчунин, дар истифодаи назариёти муҳаққиқони айнишиноси ватанию ҳамзабон вобаста ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу баррасӣ ва

муқоисаи онҳо, таълифи мақолаю ироаи маърузаҳо доир ба мавзуи мазкур мушаххасан зоҳир мегардад. Муаллиф таҳқиқоти хешро дар асоси методи муқоисавию таърихӣ ва таҳлили таърихию типологӣ анҷом додааст, ки заминаи мувофиқе барои ҳалли масъалаҳои дар пеш гузоштааш гардидааст.

Муҳаққиқ бар он андеша аст, ки айнишиносӣ дар Тоҷикистон ба сифати яке аз бахшҳои муҳимми адабиётшиносӣ ҷараён ва равишҳои усулии афкори адабӣ ва илмиро муайян карда, барои шинохти воқеии рӯзгор ва осори Айнӣ заминаи устувори илмиро ба вуҷуд овардааст, ки дар ин замина масъалаҳо ва хусусиятҳои инкишофи афкори адабӣ дар шинохти марҳалаҳо ва тамоюлҳои равиши инкишофи айнишиносӣ арзиши бунёдӣ дорад.

Таҳқиқу баррасии рӯзгор ва осори Садриддин Айнӣ асосан аз нимаи дувуми солҳои бистуми садаи бист оғоз гардида, бахши мустақил дар адабиётшиносии тоҷик бо номи айнишиносиро ба вуҷуд оварда, ки се марҳалаи онро маллиф дар таҳқиқоти мавриди гуфтугӯ мушаххас ва риштаи таҳқиқ кашидаааст. Марҳалаи аввал аз солҳои бистум то шастум, дувум аз солҳои ҳафтодум то навад ва савум давраи Истиқлолро дар бар мегирад, ки ҳар кадом бо вижагиҳои худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва ҷараёни таҳаввули шинохти илмии рӯзгору осори Айниро таҷассум кардаанд.

Муаллиф диссертатсия кӯшиш кардааст, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомёфта дар заминаи рӯзгору осори Айнӣ бурду бохт ва дастовардҳои айнипажуҳонро воқеъбинона нишон диҳад. Арзёбии навиштаҳои муҳаққиқон, санаду далелҳо, андешаҳои шахсии муаллиф, истифодаи таҳқиқоти бунёдӣ, бар асоси равишҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани масъалаҳои айнишиносӣ, пажуҳишу таҳқиқи муфассали мушаххасоти рӯзгору осори устод Айнӣ, ба хусус моҳияти ақидаҳои зери таъсири сиёсати ҳоким шакл гирифтаи

идеологияи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии айнипажуҳони марҳилаи аввал ва дигар ҷанбаҳои ин соҳаи адабиётшиносӣ ба мо имкони онро медиҳад, ки диссертатсияи номзадии аз ҷониби Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём таълифшударо кори илмии шоистаи таҳсин арзёбӣ намоем.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омада, вобаста ба зарурати масоили баррасишаванда бобҳои якум ва сеюм дар навбати худ боз ба се фасл ва боби дуюм ба ду фасл ҷудо карда шудааст. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамӣ ва зарурати мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзишу пажуҳиши масъалаи илмӣ, заминаҳои назарию методологӣ, ҳадафу объект, мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои таҳқиқ, сарчашма, соҳа ва марҳалаҳои таҳқиқ, заминаҳои асосии таҳқиқот, муътамадии натиҷаҳои ба дастомада дар диссертатсия, навовариҳои илмии муаллиф, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муаллиф, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва амсоли инҳо баён гардидааст.

Боби нахустини диссертатсия «Марҳилаҳои пайдоиш ва тамоюлҳои инкишофи айнишиносӣ дар Тоҷикистон» унвон гирифта, аз се фасл иборат аст. Фасли якуми боби аввал «Ҷустуҷӯҳо дар шинохт ва арзёбии зиндагинома осори Айнӣ (аз солҳои бист то шастуми соли гузашта)» ном дорад. Муаллиф вижагии хоси марҳалаи аввали ҷусторҳои айнишиносиро дар таҳқиқи аҳвол ва осори устод Айнӣ ба таъсири идеологияи ҳоким ва дар навиштаҳои муҳаққиқон рабт медиҳад. Ин матлаб дар нахустин таҳқиқоти дар ин замина ба чопрасидаи Б. Азизӣ, Ҷ. Икромӣ, Н. Бектош ва дигар айнишиносон дар мавриди замони зиндагӣ, муҳити адабию фарҳангӣ ва аҳволу осори С. Айнӣ ҷанбаи амиқу дақиқи сиёсӣ ва иҷтимоъгароӣ дошта, баррасии масъалаҳои

мавриди таҳқиқ аз мавқеи идеологияи расмии ҳизби ҳоким анҷом дода шудааст.

Чунин ҳолат дар марҳилаи аввали айнишиносӣ дар пажуҳишҳои дар заминаи "Намунаи адабиёти тоҷик", повести "Одина" ва романи "Дохунда" анҷом дода шуда, равшан ба назар мерасад, ки ба таъбири муаллифи рисола "холисона набуда, моҳияти ҷустуҷӯҳои нависанда зери таъсири идеологияи сиёсатгаро ва иҷтимоъгаро таҳриф шудааст" (диссерт. саҳ. 152). Дар ҳамин давра нақду баррасии "Намунаи адабиёти тоҷик", повести "Одина" ва романи "Дохунда" аслан холисона набуда, моҳияти ҷустуҷӯҳои нависанда зери таъсири идеологияи сиёсатгаро ва иҷтимоъгаро таҳриф шудааст. Дар идомаи таҳқиқот дар баҳсу мунозираҳои муқарризону муҳаққиқон ва муаллиф дар бораи "Намунаи адабиёти тоҷик" омадааст, ки диссертант онро натиҷаи муборизаҳои идеологии мухолифони миллати тоҷик медонад ва таҳқиқоту баррасиҳои устодон А.Лоҳутӣ, Саид Нафисӣ ва Қорӣ Очилиро бар рағми онҳо дар баёни фазилатҳои "Намуна" ва заҳматҳои мураттиби он оварда, нақши таърихии ин китобро дар сарнавишти миллати тоҷик таъкид намудааст.

Ҳамин тариқ дигар масъалагузориҳо низ дар ин фасли диссертатсия ҷолиб буда, муаллиф онҳоро илман асоснок намуда, аз таҳқиқот ва китобҳои муҳимму бунёдии айнишиносони тоҷик М.Шукуров, Р. Ҳодизода, Раҳим Ҳошим ва дигарон ба мавриди истифода намудааст.

Фасли дуюми боби аввали диссертатсия «Марҳилаи дувуми равиши инкишофи айнишиносӣ (солҳои ҳафтодум то навадум)» унвон гирифтааст. Муаллиф ин марҳиларо аз ҳар нигоҳ як зинаи пешрафта бо вусъати замонӣ, фарохии доираи таҳқиқ, сифати таҳқиқот ва натиҷаву самараи он дониста, рушду такомули онро густурдаву фарогир ва моҳиятан муассир меҳисобад. Дар рушди айнишиносӣ дар ин маҳдудаи замонӣ чанд омил сабаб гардиданд, ки муҳимтарини онҳо таҷлили 100-солагии солрӯзи Айнӣ дар сатҳи байналмилалӣ мебошад, ки ба ҳамин

муносибат асарҳои зиёде ба табъ расиданд, ки “Феҳристи асарҳои С.Айнӣ ва адабиёт оид ба ӯ”, ҷузъҳои баъдии “Ҷашнномаи Айнӣ” аз ҷумлаи осори арзишманди илмӣ ба шумор рафта, заминаи таҳқиқоти дигар гардидаанд.

Ба нашр расидани китобҳои Радий Фиш ва Раҳим Ҳошим “Бо амри виҷдон”, М. Шукуров “Садриддин Айнӣ” (ба ҳуруфи форсӣ), боби “Зиндагии пурҷӯш, роҳҳои сӯи реализм”-и рисолаи М. Шукуров “Насри реалистӣ ва таҳаввулоти шуури эстетикӣ”, мақолаҳои Р. Ҳошим “Айнӣ ва Бухоро”, М. Шакурӣ “Падари миллат”, рисолаи А. Сайфуллоев “Мактаби Айнӣ” ва ғайраро дар ин марҳилаи айнишиносӣ қадами ҷиддӣ ва устуворе бояд донист, ки бо “фарогирии маводи тозаи тарҷумаҳолӣ аз рӯзгори нависанда ва арзёбиҳои муҳаққиқона имтиёз доранд”.

Хулосаи муаллифи дисссертатсия аз таҳқиқоти муҳаққиқон дар марҳилаи дувуми айнишиносӣ илмӣ, мантиқӣ ва воқеӣ ба назар мерасад, ки рӯзгор, осори бадеӣ, илмӣ ва публитсистии Айнӣ дар таърихи илму адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ нақш ва ҷойгоҳи хос дошта, “таҷрибааш дар ташаккул ва инкишофи адабу фарҳанги миллат таъсиргузор буда, пойбандии ба инқилоби таҳмилии Октябр, пеш аз ҳама, дар пояи шинохти манфиат ва мавқеи инсон дар ҷомеа устувор гардида, ин равиш ҳеҷ гоҳ монеи таҳаввули андешаи худшиносии миллӣ дар самтҳои фаъолияти илмӣ, адабӣ ва публитсистии ӯ нашудааст, баръакс заминаро барои таҳаввули афкори иҷтимоӣ ва инсонпарваронаи ӯ фароҳам овардааст, ки осори бадеиву илмӣ ва публитсистиаш ин фарзияро таъйид мекунанд” (диссер. Саҳ. 60-61).

Марҳилаи сифатан нав ва аз ҳар лиҳоз қобили аҳаммият, ки муҳтавои фасли сеюми боби аввалро ташкил додааст “Айнишиносӣ дар давраи Истиқлол” мебошад, ки муаллифи диссертатсия онро муртабит ба солҳои навадуми асри гузашта ба оғози бозсозӣ дар ҷомеаи шуравӣ медонад, ки муҳаққиқон дар шинохти осори устод ба ҷустуҷӯи

консепсияҳои нав пардохтанд, ки дигар шудани тасаввурот дар бораи таърихи ҷомеаи шуравӣ омили аслии тағйир ёфтани дидгоҳҳои назариву амалӣ оид ба адабиёт ва баҳо додан ба ҳодисаву воқеаҳо гардид. Дар ин фасл аз асару мақолаҳои М.Шакурӣ, С. Табаров, А. Набавӣ ёд оварда, шарҳу тавзеҳи дидгоҳҳои нав ба осору рӯзгори устодро ба масъалаи навназарӣ ва биниши тозаи танқидӣ бештар аҳаммият додааст, ки диққати айнишиносонро ба худ ҷалб кардааст ва дар ин замина баъзе таълифоти Х. Асосозода, А. Набавӣ, А. Кӯчаров, М. Раҷабӣ, А. Маҳмадаминов, М. Имомов, Ш. Солеҳов, М. Сайфуллоева ва дигарон баррасӣ ва таҳлил намудааст. Муаллифи диссертатсия бар он аст, ки дар марҳилаи савуми таҳқиқи аҳвол ва осори Айнӣ навназарӣ ва биниши тозаи интиқодӣ нуфуз дошта, ифодагари вижагиҳои ташаккул ва таҳавввул дар айнишиносӣ мебошад. Дигар он ки муҳаққиқон дар ин марҳила бо диде моҳиятҷӯй ва амиқ ба ҷиҳатҳои норавшану баҳсноки вобаста ба рӯзгору осори нависанда мисли муносибати ӯ ба сиёсати вақт, ҷараёни ҷадидия, забону адабиёти форсии тоҷикӣ, саҳми миллати тоҷик дар мероси гузашта ва ғ. воқеъбинона ва мунсифона бознигарӣ намуданд.

«Шинохт ва баррасии пажуҳишҳо дар заминаи омӯзиши сохтори мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии осори Айнӣ» боби дуюми диссертатсия буда, аз ду фасл иборат аст. Фасли якум «Таҳқиқи хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии осори нависанда» унвон гирифта, диссертант дар ин ҷо кӯшиш ба харҷ дода, исбот мекунад, ки шуруъ аз солҳои бистуми асри гузашта, масъалаи асосии мавриди таҳқиқи айнишиносон арзёбӣ ва шинохти мундариҷаи ғоявии осори устод мебошад, ки аслан тибқи дастури идеологияи ҳоким шакл гирифта буд. Аз ҳамин рӯ, равиши таҳқиқи осори нависанда бар мабнои маънидоди сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқӣ сурат мегирифт. Вале таҳқиқоти дар росто анҷомёфта бо арзёбии ҳунар ва маҳорати нависанда дар офариниши симоҳои бадеӣ, шахсиятофаринӣ, сохтори асарҳо, забону баён хеле

муҳим ва ҷолиб мебошанд. Фасли дуюми боби дуюм «Баррасии ҷустуҷӯҳои бадеии Айнӣ дар айнишиносӣ» унвонгузорӣ шуда, дар ин фасл диссертант ҳунари офаридани симоҳои бадеии Айниро дар барҷаста намудани характери онҳо, дар маърази ҳодисаву воқеаҳои зиёд бо тасвири шахсиятҳои воқеӣ пардохтан, ки баёнгари сабку услуби нигориши нависандаро муайян кардаанд, нишон додааст.

Боби сеюми диссертатсия «Омӯзиши фаъолияти илмии Айнӣ» ном дошта, аз се фасл иборат аст. Фасли якуми боби сеюм «Арзёбии фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ» ном гирифтааст. Фаъолияти адабиётшиносӣ ҷузъи асосӣ ва муҳимми устод ба шумор меравад, ки ба таҳқиқи ин бахши эҷодиёти ӯ  муҳаққиқон Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, Э. Муллоқандов, А. Маҳмадаминов ва дигарон пардохтаанд, ки масъалаҳои назарӣ ва зебоишиносӣ- эстетикии ӯро дар мисоли “Намунаи адабиёти тоҷик”, таҳқиқоташ доир ба рӯзгор ва осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Восифӣ, Навоӣ ва дигарон ба таҳқиқ кашида, “ӯро бунёдгузори равиши тозаи илми адабиётшиносии навини тоҷик ба шумор овардаанд”.

Дар ду фасли боқимондаи ин боб осори забоншиносӣ ва таърихии устод Айнӣ дар пажуҳишҳои олимони соҳа мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муҳаққиқ нахуст дар фарҷоми ҳар боб ва фаслҳои кор натиҷаҳои бадастовардаи худро ба таври мухтасар хулоса карда бошад ҳам, боз дар 12 банди хулосаи диссертатсия маҷмуи хулосаи таҳқиқоти хешро ба таври  мушаххас  ҷамъбандӣ кардааст.

Китобномаи диссертатсия аз 193 адабиёт иборат буда, муаллиф дар рафти таҳқиқот аз 14 сарчашмаи муътамад истифода кардааст, ки ин бар аҳаммияти илмии кор фузунӣ мебахшад. Истифодаи китобҳои адабиёти илмию адабӣ ва дигар манбаъҳои арзишманд  аз дониши васеъи муаллиф дарак медиҳад. Аҳамияти дигари таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф масоили дарпешгузоштаро муҳокима ва таҳлилу баррасии

амиқ намуда, бо ҷуръатона назари шахсии хешро баён дошта, хулосаи мантиқӣ ироа кардааст.

Дар диссертатсия дар баробари дастовардҳо баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси афзунии ҳусни таҳқиқ хоҳанд буд:

1. Марҳилаҳои айнишиносии тоҷик аз нигоҳи илмӣ ва назариявӣ ба таври пура даврабандӣ нашудаанд.
2. Ба баррасии ҷустуҷӯҳои бадеии нависанда саҳифаҳои кам бахшида шудааст.
3. Ба масъалаи таҳқиқи таъсири устод Айнӣ ба нависандагони барҷастаи адабиёти тоҷик ва нависандагони халқҳои дигар таваҷҷуҳ гумошта нашудааст.
4. Дар матни диссертатсия такрори андешаи муаллиф, хатоҳои техникӣ (диссер., саҳ. 14, 25, 47, 89 ва ғ.) ба назар мерасад.

Эродҳои зикршуда аҳаммияти нуқсонҳои мавҷуда ба ҳеч ваҷҳ аз арзиши илмии диссертатсия коста наметавонанд, зеро муаллифи он вазифаҳои дар назди худ гузоштаро бомуваффақият ба иҷро расонидааст.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия бо автореферат, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, мувофиқати комил дошта, муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

Аннотатсияи диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон» таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда,

муаллифи он барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 16 - уми апрели соли 2025, суратҷаласаи № 9 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**номзади илми филология, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шамсов Н. С.**

**Эксперт:**
**доктори илми филология, профессори**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Давлатбеков Л. М.**

**Котиби илмии ҷаласа:**
**номзади илми филология, дотсенти**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Боев Ш. Э.**

**Имзоҳои н.и.ф. Н. С. Шамсов, д.и.ф. Л. М. Давлатбеков**
**ва н.и.ф. Ш. Э. Боевро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

734019, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев17/6.
Тел: (+992 37) 232-50-00;
E-mail: shamsov1960@mail.ru

«16»-уми апрели соли 2025.